**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.**

Таҳқиқи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва муайян намудани ҷойгоҳи адибони барҷастаи ин давра аз ҷумлаи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи адабиётшиносии муосири тоҷик ба шумор меравад. Дар ин марҳалаи таърихӣ таҳаввулоти муҳимми фикрӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ ба амал омада, дар партави фаъолияти равшанфикрону адибони пешқадам муҳити нави адабӣ шакл гирифтааст. Аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои адабӣ Абдулқодирхоҷаи Савдо мебошад, ки бо вуҷуди ҷойгоҳи муҳиммаш дар адабиёти тоҷик паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти ӯ то имрӯз ба таври фарогир ва монографӣ таҳқиқ нашуда буд. Аз ин ҷиҳат, кори таҳқиқии Салимзода Муҳайё Абдусалим, ки ба омӯзиши ҳаёт, осор ва ҷойгоҳи адабии Савдо бахшида шудааст, мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Тавре аз автореферат равшан мегардад, диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат буда, масъалаҳои муҳимми марбут ба зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо, мероси адабии ӯ, хусусиятҳои жанрию бадеии осор ва ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии Бухоро мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар муқаддимаи автореферат мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии диссертатсия мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххасу асоснок шарҳ дода шудаанд. Диссертант дар таҳқиқ аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, матншиносӣ ва таҳқиқи жанрҳои адабӣ истифода намуда, барои баррасии масъалаҳо аз сарчашмаҳои муҳимми адабӣ, тазкираҳо ва баёзҳо баҳра гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия, ки «Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо» ном дорад, масъалаҳои марбут ба зиндагиномаи шоир, муҳити адабӣ ва мероси адабии ӯро фаро мегирад. Муаллиф бо такя ба тазкираҳо, осори муҳаққиқони муосир ва ишораҳои шарҳиҳолии худи шоир зиндагиномаи илмии Савдоро барқарор намуда, ба масъалаҳои муҳимми фаъолияти эҷодӣ

ва муносибати ӯ бо муҳити адабии замон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар ин бахш масъалаи муайян намудани мероси адабии шоир ва табақабандии жанрии осори ӯ низ бо диди таҳқиқӣ ва натиҷагирии илмӣ баррасӣ шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия муҳаққиқ «Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдоро ҳамчун сарчашмаи муҳимми адабӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар фасли аввал хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии асар баррасӣ шуда, оид ба сохтор ва нусхаҳои он маълумоти арзишманд пешниҳод гардидааст. Дар фаслҳои баъдӣ таркиб ва муҳтавои "Баёз" таҳлил шуда, аҳаммияти он дар шинохти муҳити адабӣ, завқи бадеӣ ва равандҳои адабии давр нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо» унвон гирифтааст. Муаллиф дар ин боб муҳтавои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳои ашъори шоирро баррасӣ намуда, ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои ӯро равшан месозад. Ҳамзамон, хусусиятҳои бадеии шеърҳо, аз ҷумла, истифодаи санъатҳои бадеӣ, тасвирофарӣ ва равонии баён таҳлил гардидаанд.

Дар умум, муаллиф тавонистааст, бо таҳлили амиқи мисолҳо ва истифодаи васеи маводи сарчашмавӣ ҷойгоҳи Савдоро дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX муайян намояд.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст зиндагинома, мероси адабӣ, хусусиятҳои жанрию бадеӣ ва арзиши «Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдо дар шакли таҳқиқи монографӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии диссертант барои омӯзиши минбаъдаи адабиёти тоҷик дар асри XIX ва таҳқиқи муҳити адабии Бухоро аҳаммияти назарӣ ва амалӣ доранд.

Дар баробари дастовардҳои илмии таҳқиқ дар автореферат баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Мубрамии мавзуи таҳқиқ нисбатан мухтасар баён гардидааст. Хуб мешуд, агар муаллиф зарурати омӯзиши мавзуъ ва аҳаммяити онро барои адабиётшиносии муосири тоҷик бо тавзеҳоти бештар асоснок менамуд (саҳ. 3).

2. Дар саҳифаи 14-15-и автореферат ҳангоми баррасии масъалаи соли таваллуди Абудқодирхоҷаи Савдо андешаҳои муҳаққиқон оварда шудаанд, аммо мавқеи ниҳоии муаллиф нисбат ба баъзе ихтилофи назарҳо маҳдудтар ба назар мерасад.

Чунин камбудиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**


доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед


«4» июни соли 2026.


Нишонӣ:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. Ориёно 2/32
Тел: (+992) 918906365
E-mail: mr.shamshod93@mail.ru


Имзои Шамшоди Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Миралӣ Абдусамадович


Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. С. Сафров, 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj


«04» июни соли 2026.